# Тақризи

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Азимов Саидиброҳим Давлатович дар мавзӯи «Сохтан ва таҳқиқи амсилаҳои дискретӣ барои популятсияҳои мамнӯъгоҳҳои минтақавӣ бо назардошти вақт, синну солӣ ва тақсимоти фазоӣ» (дар мисоли мамнӯъгоҳи «Дашти-Ҷум», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физика ва математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва муҷтамаи барномаҳо пешниҳод шудааст**

Барои ҳифзу зиёд намудани намудњои њайвоноту растанињо ва истифодаи оқилонаи растаниҳои ҷангалзорҳо, мамн􏰀ъгоҳҳо, парваришгоҳҳо ва дигар минтақаҳои ҳифзшаванда, омӯхтани олами набототу ҳайвоноти он зарур мебошад. Ин имконият медиҳад, ки раванди динамикии ҳодисаҳои рӯҳдодаро дар растаниҳо ва ҳайвонотҳо, ки дар зери таъсири ин ё он ҳодисаҳои экологӣ ҳастанд, омӯзем ва нисбат ба ҳодисаҳои тағйирёбӣ, рӯх додани он, фаъолияти ояндаи он, инчунин дар бораи ба охиррасии ин раванд натиҷагирӣ намоем. Диссертатсия ба ин масъалаҳо бахшида шуда, дар он як қатор масъалаҳои ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гардидаанд.

Ҳадафҳои асосии тадқиқот аз коркарди схемаҳои фарқӣ барои мамнӯъгоҳҳои амсилавӣ ва ассоснокунии онҳо, инчунин аз сохтани методҳои тадқиқотии масъалаҳои ҳифзи популятсияи намудҳои системаи биологии нодир барои мамнӯъгоҳҳо, парваришгоҳҳо иборат мебошад. Муаллифи диссертатсия Азимов Саидиброҳим Давлатович кӯшиш намудааст, ки барои ҳалли масъалаҳои муонишаванда схемаҳои фарқӣ ва амсилаҳои дискретӣ сохта, бо истифода аз забонҳои барномасозии сатҳи баланд як қатор барномаҳои компютериро навишта, натиҷаҳои муфид ба даст овардааст.

Барои ба мақсадҳоии гузошташуда ноил шудан, муаллиф объекти тадқиқотро схемаҳои фарқӣ барои мамнӯъгоҳҳои минтақавӣ бо

назардошти вакт, синну сол ва мавқеи фазогӣ (дар мисоли мамнӯъгоҳи «Дашти-Ҷум») ва ассоснокунии математикии онҳо қарор додааст.

Диссертатсияи мазкур иборат аз 182 саҳифаи чоп□ буда, дар он расмҳо, ҷадвалҳо, барномаҳо, натиҷаи таҷрибаҳои компютерӣ ва номгӯйи адабиёти истифодашуда оварда шудааст. Он аз муқаддима, ду боб, 11 банд, хулоса ва якчанд пешни□од□ои муфид барои идомаи кор□ои илм□-тад□и□от□ дар ин самт иборат мебошад.

**Боби якум** аз панҷ банд иборат буда, ба сохтани схема□ои фарқӣ ва асосноккунии онҳо барои системаҳои экологии мамнӯъгоҳи «Дашти-Ҷум» бо назардошти вақт, синну сол ва тақсимоти фазоӣ бахшида шудааст. Инчунин гузориши масъала бо шарт□ои аввалаи шумораи популятсия, ки бо ҳалли масъалаи дифференсиалӣ ифода мешавад, ба ҳалли масъалаи канорӣи фарқӣ оварда шуда, наздикшавии устувории он нишон дода шудааст. Дар қисматҳоиояндаи ин боб мавҷудияти ҳалли масъалаи канории фарқӣ, алгоритми ҳалли ададии масъалаи канории фарқӣ ва алгоритми муайянкунии коэффитсиентҳои номаълум барои системаҳои экологии «Дашти-Ҷум» дида баромада шуда, таҳлил карда шудааст. Исбот карда шудааст, ки ҳисобкуниҳои компютерӣ аз рӯи алгоритмҳои гузариш устуворанд.

**Боби дуюм** ба сохтан ва таҳқиқи амсилаҳои ҳифзи ҳайвоноти нодир бахшида шуда, дар қисмати аввали он амсилаи консептуалии баҳодиҳии шумораи ҳайвонҳои ваҳшии системаҳои экологӣ, сохтори якҷояамалкунии системаҳои экологии мамнӯъгоҳҳо, усули дурусткунии системаҳои экологии сохтори сифатан ноустувори мамнӯъгоҳҳои минтақавӣ ва масъалаи муқоисакунӣ ва мутобиқаткунонии муҳофизати намудҳои мамнӯъгоҳои минтақавӣ, бо назардошти мавқеи фазогӣ оварда шуда, асоснок карда шудаанд.

Дар диссертатсияи унвонҷӯ Азимов С.Д. ба хато□о, аз ҷумла ба тартиб нанавиштани ишораҳо ва рақамгузории формулаҳо, хатоҳои имло□ дар навишти ҷумлаҳо роҳ дода шудааст, ки ин ба мазмун ва муҳтавои кори иҷрошуда халал ворид намекунад. Натиҷаҳои бадастовардаи Азимов С.Д.

муътамад буда, хулосаву тавсияҳои дар диссертатсияи ӯ овардашуда асоснок карда шудаанд. Таҳқиқот дар заминаи маҷмӯи калони додаҳои таҷрибавӣ ва озмоишҳои компютерӣ анҷом ёфта, ҳадафҳои гузошташуда амалӣ гардидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 9 мақолаи илмии бачопрасида инъикос ёфтаанд, ки 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои тавсиявии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Натиҷаҳои ба дастовардаи диссертатсияи унвонҷӯ Азимов С.Д.-ро барои гирифтани натиҷаҳои дигари татқиқоти илмие, ки дар дигар мамнӯъгоҳо, парваришгоҳҳо гузаронида мешаванд, истифода бурдан бамаврид аст.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулоса меоем, ки диссертатсияи **«Сохтан ва таҳқиқи амсилаҳои дискретӣ барои популятсияҳои мамнуъгоҳҳои минтақавӣ бо назардошти вақт, синну сол ва тақсимоти фазоӣ» (дар мисоли мамнуъгоҳи «Дашти-Ҷум»**-и Азимов Саидиброҳим Давлатович ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 05.13.18 – «Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва муҷтамаи барномаҳо» ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯи ихтисоси мазкур сазовор мебошад.

Доктори илмҳои техникӣ, дотсент,
директори иҷроияи филиали
Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов
дар ш. Душанбе: Мирзоев Сайъло Ҳабибулоевич

Имзои д.и.т., Мирзоев С.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Ҳ.Т. Назарова